ПАРВАНДАИ АТТЕСТАТСИОНИИ № 2 18-уми

феврали соли 2023, суратчаласаи №7

# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ

6D. КОА-47-и назди Донишгохи давлатии омузгории Точикистон ба номи Садриддин Айнй, дар бораи диссертатсияи Рачабова Фируза Садриддиновна барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмхои педагога аз руйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи тахсилоти касбй (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанхои гуманитарй).

Диссертатсияи Рачабова Фируза Садриддиновна дар мавзуи “Методикаи ташаккули салохиятмандии байнифархангии донишчуён дар раванди омузиши забони хоричй дар шароити мухити бисёрфархангии донишгоххои омузгорй”, ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмхои педагога аз руи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи тахсилоти касбй (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанхои гуманитарй) бо карори Шурой диссертатсионии 6D.КОА-47 назди Донишгохи давлатии омузгории Точикистон ба номи С.Айнй (Думхурии Точикистон, 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рудакй, 121), тибки фармоиши КОА-и назди Президента Думхурии Точикистон аз 8.04.2022 тахти №125 таъсис ёфтааст, аз 26.11.2022, №6 ба химоя ичозат дода шудааст.

Довталаби дарёфти дарачаи илмй Рачабова Фируза Садриддиновна, 25-уми марти соли 1990 дар Думхурии Точикистон таваллуд шудааст.Соли 2007 дар Донишгохи давлатии омузгории Точикистон ба номи Садриддин Айнй ба шуъбаи забони олмонй, факултети забонхои романй германй дохил шуда, соли 2012 факултети мазкурро бо муваффакият ва бо ихтисоси муаллими забони олмонй бо дипломи аъло ДОА №0006675 хатм намудааст.

Соли 2012 фаъолияти корияшро дар кафедраи забони олмонй ва методикаи таълими он ДДОТ ба номи Садриддин Айнй ба хайси ассистента кафедра ва хамзамон муовини декан оид ба корхои илмй огоз намудааст. Соли 2012 то 2015 котиби Шурой олимони факултети забонхои романй германй интихоб гардидааст. Соли 2016 ба давлати Олмон бо даъвати Институти Гёте аз такмили ихтисос гузаштааст. Соли 2018 тарики озмун муаллими калони кафедраи забони олмонй ва методикаи таълими он ДДОТ ба номи Садриддин Айнй интихоб гардидааст. Аз соли 2016 то инчониб ба хайси котиби Шурой илмй-методй дар факултети забонхои романй германй фаъолият карда истодааст.

Рачабова Фируза Садриддиновна солхои 2016 то 2020 хамчун аспиранта гоибонаи кафедраи методикаи таълими забонхои хоричй (олмонй - фарнсавй) ДДОТ ба номи Садриддин Айнй, фаъолияти илмй тахкикотй бурдааст. Якчанд маротиба бо Ифтихорномахои Донишгох сарфароз гардидааст.

Тахкикот дар давоми 7-сол гузаронида шудааст.

Диссертатсияи Рачабова Фируза Садриддиновна дар кафедраи методикаи таълими забонхои хоричй (олмонй - фаронсавй) ДДОТ ба номи Садриддин Айнй ичро шуда, дар чаласаи васеъи кафедраи методикаи таълими забонхои хоричй (олмонй - фарнсавй) аз 17-уми июни соли 2022 суратчаласаи гайринавбатии №11 ва Шурой олимони факултети забонхои романй-германии ДДОТ ба номи Садриддин Айнй аз 29-уми июни соли 2022, суратчаласаи №11 мухокима ва тасдик гардида, барои химоя ба Шурой диссертатсионй пешниход шудааст.

Аз руйи мавзуи диссертатсия тахкикот дар маводхои Паёми ДДОТ ба номи С. Айнй, Паёми ДМТ, мачмуахои маводхои конференсияхо инъикос ёфтаанд. Онхо аз санчиши зарурй гузаштанд, дар 18 макола баён гардиданд, аз чумла 4-тои онхо дар матбуоти даврии тавсиякардаи КОА назди Президента Думхурии Точикистон ва Вазорати тахсилоти олй ва илми ФР ба табъ расиданд.

Эълон оид ба рузи химоя, матни диссертатсия ва автореферат тибки мукарраротт дар сомонаи ДДОТ ба номи С.Айнй ва КОА-и назди Президента Думхурии Точикистон 29.11.2022. чой дода шудааст.

Автореферата диссертатсия тибки фехрист 17.01.2023. ирсол гардидааст.

Автореферата диссертатсия аз низоми Антаплагиат гузаронида шудааст, ки аслияти матн 92.26%-ро ташкил медихад.

Такризхо ба диссертатсия ва автореферат дар мухлати муайяншуда ворид гардида, дар сомонаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнй чой дода шудаанд.

Хуччатхо аз тарафи унвончу ба Шурой диссертатсионй пешниход шуда тибки талаботи КОА- и назди Президенти Думхурии Точикистон ба расмият даровconfigurarда шуда, дар парвандаи аттестатсионии унвончу махфузанд.

**Роҳбари илмӣ: Сайфуллоев Хайрулло Гайбуллоевич-** доктори илмҳои педагоги, профессори кафедрам забони олмонии факултети забонҳои романӣ-германии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. кори илми таҳқикотӣ дар кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (олмонӣ - фаронсавӣ) ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст ва **мукарризони расмӣ - Неъматов Саъдуллоҷон Эргашевич-** доктори илмҳои педагога, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва **Камолова Бибикалон Бобомулоевна-** номзади илмҳои педагога, дотсенти кафедраи забонҳои романӣ-германии Донишгоҳи славянин Россия-Тоҷикистон ба диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна баҳои мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар -** Муассисаи давлатии таълимию илмии Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ дар тақризи мусбати худ, 26 декабри соли 2022, суратҷаласаи №5/3, ки онро раиси ҷаласа, мудири кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ,номзади илмҳои филолога, дотсент Гуломадшоев Шокиршо Шерзодшоевич, эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, номзади илми педагога Шарипов Хуршед Алихонович, номзади илмҳои филолога, дотсент, Муродов Баҳриддин Раҳмонович ва котиби илмии ҷаласа, муаллими калони методикаи таълими забонҳои хориҷӣ Давлатов Файзидин Дамилович имзо карда, ректори Донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек тасдиқ гардидааст, ба диссертатсия асосан баҳои мусбат дода. аз он ҷумла. қайд намудааст, ки мубрамии мавзуи таҳқиқотии интихобнамудаи Раҷабова Фируза Садриддиновна ба масъалаҳои замонавӣ - ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ, ки низоми муносибатҳои нави дар соҳаи маориф ба амаломада талаботи навро ба истифодаи усулҳои баланд бардоштани дараҷаи салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён ба миён мегузорад, бахшида шудааст.

Дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферата он мувофиқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо дар сатҳи хуб таҳия гардида, мухтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро дойр ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои нашрнамудаи диссертант мазмуну мундариҷаи рисоларо пурра дар бар мегиранд. Натиҷаҳои ба даст овардаи муаллиф боваринок, хулоса ва тавсияҳои манзургардида асоснок мебошанд.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили кор минбаъд хеле муфиданд:

1 .Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки дар диссертатсия натиҷаҳои ба даст омадаи унвонҷу бо натиҷаҳои таҳқиқотҳоти дигар олимон муқоиса карда мешуд, махсусан олимони тоҷик.

2. Диссертант дар рисолаи хеш равшан изҳор накардааст, ки истифодаи кадом усулҳо ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯёни гурӯҳҳои бисёрэтникӣ тақвият бахшаанд.

3. Матни русии автореферат низ таҳрирталаб аст.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе хатоҳои имлой, техникӣ ва грамматикӣ ба назар мерасанд.

Бояд зикр кард, ки камбудиҳои нишондодашуда ҳеҷ гоҳ аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсияро паст карда наметавонанд.

Дар фарҷоми тақризи худ муассисаи пешбар чунин хулоса пешниҳод намудааст:

1. Рисолаи пешниҳодгардида кори мустақилонаи илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагога аз руйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мувофиқ мебошад.

2. Диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновнадар мавзуи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфаҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ» ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35 Кдрори Ҳукумати Думҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” ва талаботи КО А - и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй буда, муаллифи он Раҷабова Фируза Садридциновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагога аз руи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор дониста мешавад.

Тақризи муассисаи пешбар дар кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ (аз 26 декабри соли 2022, таҳти қарори №5/3). баррасӣ ва муҳокима гардидааст.

Диссертант дойр ба мавзуи таҳқиқот 18 мақола нашр намудааст, ки 4-тои он дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикосменамоянд:

1. Раҷабова Ф.С. (бо ҳаммуаллифӣ). Мубоҳиса дар шакли нишасти матбуот дар ташаккули маҳорати

муошırати байнифархангии донишчуён / Ф.С.Рачабова. [Мата] // Паёми донишгохи омузгорй. Бахши «Илмхои педагога». - Душанбе: 2017. -№5 (72), - С. 18-20.

2. Рачабова Ф.С. Ташаккули мубохиса бо истифодаи видеофилм дар дарсхои забони хоричй/ Ф.С.Рачабова. [Матн] // Паёми донишгохи омузгорй. Бахши 2. Педагогика ва методикаи фанхои гуманитарй ва табиатшиносй. - Душанбе: 2020. -№2 (2), -С. 244 -246.

3. Рачабова Ф.С. Технологияи байнифархангии рефлексией дар раванди омузиши забони хоричй / Ф.С.Рачабова [Матн]// Паёми Донишгохи миллии Точикистон / (ISSN 2074-1847). - Душанбе, 2021. -№2. -С.256-265.

4. Рачабова Ф.С. Накши фарханги миллй ва гайризабонй дар ташаккули салохияти байнифархангии донишчуён / Ф.С.Рачабова [Матн]// Паёми донишгохи омузгорй. Бахши 2. Педагогика ва психология, методикаи таълими фанхои гуманитарй ва табий. - Душанбе: 2022. -№ 1 (11). -С.244-246.

**Ба автореферати диссертатсия 4 такриз аз тарафи шахсони зерин ба шурои диссертатсионй ворид шудаанд:**

1. **Гулмадов** Файз-доктори илмхои педагога, мудири шуъбаи педагогика ва тахсилоти муосири Академияи тахсилоти Точикистон. Кайд карда шудааст, ки дар баробари дастовардхои дар автореферати диссертатсия зикргардида баъзан галатхои техникй ва услубй ба назар мерасанд.
2. **Наврузова Гулшан Турсуновна-** номзади илмхои педагогй, дотсент, мудири кафедраи забони русии Донишгохи давлатии молия ва иктисоди Точикистон. Вобаста ба камбудихои рисолаи тахкикотй чунин норасоихоро номбар карданд:
    1) Кадом омилхо мусоидат намудаанд, ки донишчуён тахсили худро дар кишвархои Тарб идома диханд?
    2) Дар автореферати диссертатсия баъзан хатохои техникй ва услубй ба назар мерасанд.
3. **Мирзоев Шухрат Саидахмадович-** номзади илмхои педагогй, рохбари иттиходияи мелодии омузгорони забони англисии Мактаби байналмиллалии Президента. Бо вучуди афзалиятхо аз руи мутолиаи автореферат баъзе эродхоро мушохида кардан мумкин аст, ки муаллиф метавонад онхоро дар фаъолияти минбаъдаи илмии хеш ба эътибор гирад:
    1. Робитахои байнифаннй мебоист возехтар матрах мегардиданд.
    2. Дар автореферат галатхои услубй ва техникй ба назар мерасанд.
4. **Назирикулов Тагоймурод Абдурасулович-** номзади илмхои педагогй, мудири кафедраи забонхои романй-германии Донишкадаи давлатии забонхои Точикистон, кайд намуданд, ки унвончу возех иброз накардааст, ки дар истифодаи технологияхои инноватсионии педагогй донишчуён дар кадом донишгоххо ба натичахои хуб сохиб гардидаанд.

Мукарризони ба автореферат такриз пешниход намуда, кайд мекунанд, ки тахкикоти диссертатсионй ба талабот чавобгу буда, довталаби дарачаи илмй Рачабова Фируза Садриддиновна сазовори дарёфти дарачаи илмии номзади илмхои педагогй аз руйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи тахсилоти касбй (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанхои гуманитарй) мебошад.

**Интихоби мукарризони расмй ва муассисаи пешбар** дар асоси карори шурои диссертатсионии 6D.KOA-47 аз 26.11. соли 2022, №6, тибки банди 61, 62-и "Низомномаи Шурои диссертатсионй" ва бандхои 71,72 ва 74-77, 79-и "Тартиби додани дарадахои илмй", ки бо Карори Хукумати Чумхурии Тодикистон аз 30-уми июни соли 202 Кум тахти № 267-ум тасдик шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионй таъкид менамояд, ки дар асоси тахкикоти ба андом расонидаи унвонду корхои зерин идро шудаанд:**

- ***мущаррар карда шуд,*** ки ташаккули салохиятмандии байнифархангии донишдуёни муассисахои тахсилоти олии педагога дар натидаи истифодаи технологияхои инноватсионй дар омузиши забони хоридй коркард карда шудааст;

- ***пешниуод карда шуд,*** ки донистани салохиятмандии байнифархангии донишдуёни муассисахои тахсилоти олии педагога аз андоми фаъолияти касбии муваффаконаю самарабахши педагоги гувохй медихад;

- ***исбот карда шуд,*** ки вазифахои дар назди донишдуён гузошташуда ба тадрид тагйир ёфта, заминахои фаъолмандии онхо давра ба давра, шуруъ аз давраи худмуайянкунии шахсият тадридан инкишоф меёбанд. Дар ин хангом донишду намояндаи фарханги худй мебошад, то давраи гуфтугуи фархангхо, ки зимни он донишду тахвилгари фархангхо дар раванди таълими забони хоридй дар муассисаи тахсилоти олии педагога мебошад;

***-муайян гардид,*** ки кори максаднок оид ба ташаккули салохиятмандии байнифархангии донишдуён дар асоси модели тахиякарда туда бо татбики шароитхои педагогии дудокардашуда бештар дарадахои баланд ва миёнаи дарадахои ташаккули махоратхои мавриди тахкикро дар мутахассисони ояндаи

муассисахои тахсилоти олии педагога таъмин мекунад;

- ***асоснок карда шуд,*** ки истифодаи имкониятхои компютер барои максадхои алохидаи дидактикй, истифодаи кори мустакилона, татбики шаклхои гуногуни машгулияти интерактивй ба ташаккули ангезаи ботинй ба омузиши забони олмонй, истифодаи он дар касби интихобкарда мусоидат намуда, кобилиятхои эдодии мутахассисони ояндаи муассисахои тахсилоти олии омузгориро ташаккул медихад;

- ***пешниуод карда шуд,*** ки ахамиятнокии ташаккули салохиятмандии байнифархангии донишдуёни муассисахои тахсилоти олии омузгорй дар мухити бисёрэтникй бо он муайян карда мешавад, ки тамоюлхои дидактикаи мактаби олй барои рушди комили шахсияти толибилм ва омодагй барои кори ракобатпазир дар холатхои зудхаракатии байналмилалй ва хамгирой равшан мебошанд;

- ***муцарар карда шуд,*** ки проблемаи ташаккули салохиятмандии байнифархангии мутахассиси ояндаи муассисахои тахсилоти олии педагога ба тахкикоти илмие дахл дорад, ки фалсафаю педагогикаро дар хамкорй бо фархангшиносй, этика, психология ва фанхои тахассусй тавъам месозад;

- ***исбот карда шуд,*** ки тахкикот натидабахшии модели коркардшудаи ташаккули салохиятмандии байнифархангии донишдуёни муассисахои тахсилоти олии омузгориро тасдик кард, ки он максад, принсипхо; мундарида; шаклхо ва методхо (гуфтугуй, коммуникативй, эвристй, бозигй, методхои лоихахо, моделсозй), даврахои асосй (мукарраркунанда, ташаккулдиханда ва дамъбастй); натидахо (дарадахои ташаккули муошират: эдодй, махсулнок, бемахсул)-ро фаро мегирад;

- ***ошкор карда шуд,*** ки дар раванди таълим татбик гардондани МТМ «Амалияи нутки шифохй ва хаттй (АНШХ) аз забони олмонй» дар асоси методи таълими кредитй-амсилавй ба таъмини давра ба давраи салохиятмандии байнифархангии донишдуён дар мухити бисёрэтникии муассисаи тахсилоти олии омузгорй зимни ташаккули салохиятхои коммуникативй ва байнифархангии мутахассисони оянда, идрои интихоби шаклхо ва технологияхои гуногуни инфиродикунонй ва дудосозии таълим мусоидат намуд.

***Луамияти назариявии тауцицот иборат аст аз:***

- дамъбастй донишхои фалсафию педагогй дойр ба салохиятмандии байнифархангии ва касбии мутахассиси ояндаи ихтисосхои омузгорй аз забони олмонй, ки тасаввуротхои илмиро вобаста ба падидаи мазкури байнифархангй васеъ мегардонад;

*ff*
у

*/*

- асоснок кардани таъсири мачмуи имкониятхои муайяншуда ба самарабахшии раванди ташаккули салохиятмандии байнифархангй ва касбии мутахассиси ояндаи ихтисосхои педагоги аз забони олмонй, ки ба рушди назария ва амалияи омодасозии мутахассисони муассисахои тахсилоти олии педагогймусоидат мекунад;

- коркарди шароитхои педагогии истифодаи технологияхои педагога дар ташаккули салохиятмандии байнифархангй ва касбии мутахассиси ояндаи ихтисосхои педагога аз забони олмонй ва бо далелхои муътамади илмй асоснок намудани болоравии динамикаи ташаккулёбии падидаи мазкур, ки ба фаъолнокии тафаккури донишчуён, рушди кобилияти зехнию маърифатй ва мустакилшавии онхо, ташаккули малакахои истифодаи донишхои гирифта дар раванди таълими умумии назариявй ва касбй мусоидат мекунад.

- тахлилу тахкики технологияхои педагогй дар ташаккули салохиятмандии байнифархангии касбии мутахассиси ояндаи ихтисосхои педагогй аз забони олмонй дар асоси равняй шахсиятй- фаъолмандй, ки даврахо ва механизмхои ташаккули салохияти номбурда дар мутахассисони ояндаи муассисахои тахсилоти олии омузгорй мавриди амал карор мегирад.

Барой санчиши фарзияи тахкикот ва халли вазифахои гузошташуда ***методуои*** *зерин* истифода шудаанд:

1.*Методуои назариявй:* омузиш ва тахлили адабиёт дойр ба масъалаи мавриди тахкик, стандартхои тахсилот ва барномахои таълимй, синтез, мукоиса, моделсозии раванди таълим.

2.*Метод^ои тацрибавй:* мушохида, сухбат, назарпурсй, мусохиба, санчиши тестй, тахлили махсули фаъолияти донишчуён, омузиш ва чамъбасти тачрибаи кори омузгорони муассисахои тахсилоти олии педагогй оид ба ташаккули салохиятмандии байнифархангии мутахассисони ояндаи омузгорй ва ташкилу гузаронидани тачрибаи озмоишй.

3.Озмоишхои мукарраркунанда, ташаккулдиханда ва чамъбастии тачрибаи тахкикотй.

4. Методхои коркарди омории натичахои дар рафти тачриба бадастомада ва шархи онхо.

***Дар тауцикрти диссертатсионй нуцтауои зерин баён*** *шудаанд:*

1.*Асоснок карда шудааст,* ки методикаи рушд ва ташаккули салохиятмандии байнифархангии

мутахассисониояндаи омузгорӣ дар рисолаи таҳкикотии тахияёфта самаранок буда, метавонад дар кори амалии дигар муассисахои тахсилоти олии педагогии чумхурӣ бомуваффакият истифода гардад.

2.*Моуият ва мавцеи* салохиятмандии байнифархангиидонишчуёни донишгоххои педагогӣ хамчун кисмати салохияти гайризабонии коммуникативие муайян карда мешавад, ки он мачмуи донишхо оид ба кишвари забони мавриди омузиш, фарханги кишвари худ, инчунин махорат, кобилият ва сифатхои шахсиятро, ки ба толибилм барои тагйирдихии рафтори худ вобаста аз соха ва холати муошират имкон медихад, фаро мегирад.

3.*Исбот карда шуд,* ки ташаккули салохиятмандии байнифархангии донишчуёни донишгоххои омузгорӣ дар раванди таълими фанхои тахассусӣ дар муассисахои тахсилоти олии омузгорӣ низоми илман асосноки таълим ва тарбияи донишчуёне мебошад, ки тибки Стандартхои давлатии тахсилот ва махсусияти раванди мазкур хамчун категорияи фалсафӣ- методӣ ба рох монда мешавад. Ч,узъхои асосии таркибии низоми мазкур максад, мазмун, равия ва натича махсуб мешаванд, ки асоси модел ва технологияи педагогии ташаккули салохиятмандии байнифархангии мутахассисиояндаи муассисаи педагогӣ бо назардошти хусусиятхои хоси ин раванд ва ташхиси мунтазами сатхи бадастомадаро ташкил медиханд.

*А.Самарабахшии раванди* ташаккули салохиятмандии байнифархангии мутахассисиояндаи муассисаи олии омузгорӣ аз руи мавчудияти низоме муайян карда мешавад, ки барои коркарди методика хамчун мачмуи шакл ва методхои таъсиррасонии педагогӣ чун асос хизмат мекунад ва методикаи мазкур бошад, пешрафти пайдархами донишчуёнро аз мархилаи репродуктивӣ (бемахсулӣ) тавассути мархилаи махсулнокӣ ба мархилаи эчодкории фарогирии салохиятмандии байнифархангии таъмин менамояд.

5.*Асоснок карда шуд,* ки технологияхои педагогӣ дар таълими забони хоричӣ бо максади омодагардонии мутахассисони педагогӣ ба хамкории байнишахсӣ дар холати коммуникатсияи байнифархангӣ хамчун технологияи тамоюли шахсии мутараккии таълим амал мекунад ва алтернативаи низоми анъанавӣ ба сифати яке аз шароитхои босамари ташаккули салохиятмандии байнифархангии донишчуён дар мухити бисёрэтникии муассисахои тахсилоти один педагоги мебошад.

***Ахрмияти натицах^ои ба дастомада дар сталия бо он тасдиц мегардад, ки:***

1) Мухтаво ва технологиям ташаккули салохиятмандии байнифархангии мутахассисониояндаи муассисаи олии педагога дар чараёни омузиши забони хоричӣ ошкор карда шудааст;

2) Низоми тахиягардидаи ташаккули салохиятмандии байнифархангии донишчуёни донишгоххои омузгорйдар раванди таълими фанхои тахассусӣ дар муассисахои тахсилоти олии педагога барои коркарди методикаи махсуси мархила ба мархила ташаккул додани раванди мавриди таҳкикхамчун асос хизмат кард.

3) Маводи методие, ки муаллиф тахия кардааст, имкон медихад, ки методикаи махсуси коркардшуда дойр ба ташаккули салохиятмандии байнифархангии мутахассисиояндаи муассисаи олии педагога дар раванди омодасозии касбӣ ва рушди маданияти педагогии у ба кор бурда шавад.

4) Маводхои тахкикот инчунин метавонанд барои курсхои махсус, тахияи корхои курсӣ ва рисолахои хатм, маштулиятхои амалӣ, тренингхо дар раванди таълимии муассисахои тахсилоти олии педагогӣ мавриди истифода карор дода шаванд

***Дастовардх;ои дигари илмӣ, ки навгонӣ ва арзишмандии натица^ои бадастомадаро шсцодат медщанд:***

1.Дар илми педагогика ва таърихи маорифи Думхурии Точикистон методикаи ташаккули салохиятмандии байнифархангии донишчуён дар раванди таълими забони хоричӣ дар шароитхои мухити бисёрфархангии муассисахои тахсилоти олии омузгорӣ чунин падидаи нав мавриди омузиш карор дода шуд.

2Доидаи консептуалии равняй шахсиятӣ-фаъолмандӣ ба ташаккули салохиятмандии байнифархангии донишчуён-бакалаврхо, хамчун кисмати пешбари омодагии касбӣ, ки барои бурдани фаъолияти мустакилонаи таълимӣ дар шароитхои муассисахои тахсилоти умумии Думхурии Точикистон зарур аст, муайян карда шуд.

3. Мохият ва сохтори салохиятмандии байнифархангии донишчуён зимни таълими забони хоричӣ дар мухити бисёрзабонӣ муайян карда шуданд, шаклхои онхо (забонӣ, коммуникативӣ, мавзуӣ, шахсиятӣ, таълимӣ) чудо карда шуданд, пуррагардонии мундаричавии онхо мавриди баррасӣ карор гирифт.

4. Модели ташаккули салохиятмандии байнифархангии донишчуён, ки самарабахшии истифодаи технологияхои инноватсиониро хангоми таълими забони хоричӣ таъмин месозад, коркард ва тасдик карда шуд.

5. Семинари махсус оид ба мавзуй «Муошироти байнифархангии муаллими забони хоричӣ», ки ба ташаккул ва такомули низоми донишхо, малакахо ва махоратхои донишчуён - муаллимониояндаи забони хоричӣ нигаронида шудааст, коркард карда шуд.

6. Низоми санчиши ташаккули салохиятмандии байнифархангии донишчуён, ки меъёрхои фархангшиносӣ, коммуникативӣ, касбӣ ва шахсиятӣ-арзиширо фаро мегирад, инчунин нишондодхои аз руйи

хар меъёр ба даст овардашуда пешниход карда шуданд.

7. Маводи нав оид ба амалияи нутки шифохй ва хаттй (АНШХ), ки таъсири мутакобилаи фархангхои миллй, мубрамгардонии холатхои вокеии муошрати байнифархангй ва амалисозии методхо ва воситахои технологияхои бозигиро пешбинй мекунад, коркард карда шуд.

8. Меъёрхои тахкики озмоишии фаъолияти таълимии донишчуён дар давраи тачрибаомузии педагогй, ки шомили тамоюл ба ошкорсозии махорати банакшагирй ва ба амал татбикгардонии накшаи муошрати забони тайр мебошанд, тасвир карда шуданд.

***Эътимоднокии натицах;ои бадастомадро ищо таъмин менамоянд:*** Бо дакикияти кавоиди аввалияи методолога ва назариявй; тахлил ва бахисобгирии холати проблемаи тахкикот дар назария ва амалияи педагогй; истифодаи мачмуии методхои тавъам бо максад, вазифахо, объект ва предмети тахкик; хусусиятнокии маводи тачрибавй; санчиши озмоишии фарзия ва тасдики муваффаконаи кори тачрибавй дар амалияи муассисахои тахсилоти олй; муътамадии натичахои ба даст овардашуда; тачрибаи кории бисёрсолаи муаллифи рисола дар муассисаи тахсилоти олии омузгорй; коркарди маълумотхои озмоишй тавассути методхои омори риёзй таъмин карда мешавад.

*Натица ва хулосауои рисолаи диссертатсионй дар назария ва методикаи фануои гуманитары дар корбасти дурусти технологияуои педагоги дар ташаккули с ал о у ия тм а и с) и и байнифаруангй ва касбии мутахассиси ояндаи муассисауои таусилоти олии омузгорй аз забони олмонй мавриди истифода царор хоуад гирифт.*

***Назария асос ёфтааст:** - аз мацмуи цоидауои фалсафй, психологи, фаруангшиносй ва педагогие,* ки мафхумхои “муошират”, “фаъолияти шифохй”, “салохиятмандй”, "салохиятмандии байнифархангй”-ро мекушоянд; мохият, сохтор ва мазмуни салохиятмандии байнифархангй мушаххас карда туда, асосхои педагогии ташаккулёбии салохиятмандии байнифархангии донишчуён дар чараёни омузиши забони олмонй дар донишгоххои омузгорй баррасй карда шудаанд; муносибати шахсиятй-фаъолиятмандй ба ташаккули салохиятмандии байнифархангии донишчуён дар мухити этникй-фархангй ва омодасозии мутахассисони ояндаи забони хоричй ба хамкорй дар заминай равобити байнифархангй маълум карда шудааст.

***-тахрили санадуои меъёрй:*** Ко ну ни Чумхурии Точикистон «Дар бораи маориф», «Консепсияи миллии маорифи Чумхурии Точикистон», «Стандарта давлатии тахсилоти олии касбй», Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи тахсилоти олй ва баъди донишгохй», Кдрори Дукумати Чумхурии Точикистон «Дар бораи тасдики барномаи давлатии такомул ва омузиши забонхои русй ва англисй дар Чумхурии Точикистон барои солхои 2004-2014» ва тамдиди он барои солхои то 2030. Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи маориф ва сиёсати давлатии илмй-техникй» (1998), Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи иттилоотикунонй» (ахбори Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон, 2001, № 7; 2005, № 12) кор кард ва пазируфта шуданд.

***-мавриди истифода царор гирифтаанд:*** асархои мухаккикону олимони ватанй ва хоричй вобаста ба масъалаи тахкикшаванда;

***-муцаррар карда шудааст,** ки* шароитхои психологию педагога барои омузиши забони хоричй ба донишчуёни муассисахои тахсилоти олии омузгорй бо истифода аз технологияхои педагогй самарабахш буда, -иетавонад дар тачрибаи кори дигар муассисахои олии таълимии гайризабонии чумхурй мавриди истифода карор гирад;

***-муайян карда шудааст,** ки* тавассути тахияи низоми методии таълими забони хоричй ба донишчуёни муассисахои тахсилоти олии омузгорй бо истифода аз технологияхои педагогй ангезаи (мотиватсияи) донишчуён рушд менамояд.

***Иштироки шахсии унвончу:***

1. Муаллиф гояхо ва коидахои асосии диссертатсияро аз чихати назариявй асоснок карда, амсилаи консептуалиро коркард намудааст, ки ин имконият додааст дар асоси муносибатхои шахсиятй-фаъолмандй ва босалохият масъалаи истифодаи технологияхои педагогй дар ташаккули салохиятмандии байнифархангй ва касбии мутахассиси ояндаи муассисахои тахсилоти олии омузгорй аз забони олмонйхал карда шавад.

2. Ичрои бевоситаи кори тахкикотй, тафсир ва тафтиши натичахои бадастовардашуда самарабахш омухта шавад.

3. Иштироки шахсии унвончу инчунин дар он ифода меёбад, ки вай МТМ, силлабус ва накшаи нави таълимиро оид ба мавзуи «Коммуникатсияи байнифархангии омузгорй забони хоричй» коркард ва ба чараёни таълим ворид намудааст. Унвончу дар интихоби методхо ва тарзхои таълим бо максади педагогикунонии кулли раванди таълими касбй, аз татбики мустаким ва рохбарй чихати гузаронидани кори тачрибавй-озмоишй, аз ичрои мустакилонаи тахкикоти диссертатсионй, инчунин аз матолиби ба чоп расонда, аз чумла дастурхои таълимй-методй ва маколахо, фаъолона ширкат варзидааст.

Бо такя ба натичахои тахкикот, тахлили тачрибаи пешкадами педагогии муассисахои тахсилоти олй

омузгорӣ аз ҷониби муаллиф тавсияҳои илмӣ-амалӣ барои самаранокии ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангӣ ва касбии мутахассиси ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии омузгорӣ аз забони олмонӣ таҳия карда шудаанд.

***Тавсияҳои асосӣ ҷиҳати истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот:***

1. Таҳия ва татбиқи модел ва технологияҳои педагогие, ки барои комилгардонии раванди ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии мутахассисони ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии омузгорӣ дар ҷараёни таълими фанҳои тахассусӣ мусоидат менамоянд;

2. Мукаммалсозии мазмуну мохияти ташаккули салохиятмандии байнифархангӣ мутахассисони ояндаи муассисахои тахсилоти олии омузгорӣ дар чараёни таълими фанхои тахассусӣ;

3. Тахия ва татбики технологияи самараноки ташаккули салохиятмандии байнифархангии мутахассисони ояндаи муассисахои тахсилоти олии омузгорӣ бо максади баланд бардоштани сифати омодасозии онхо;

4. Барой бомувафакият ташкил намудани раванди ташаккули салохиятмандии байнифархангии мутахассисони ояндаи муассисахои тахсилоти олии омузгорӣ дар накшахои таълимии онхо дохил намудани курсхои амалӣ ва курсхои махсус, ки ба омоданамоии онхо равона шудааст.

5. Методикаи рутил ва ташаккули салохиятмандии байнифархангии донишчуёни донишгоххои омузгории дар рисолаи тахкикотӣ тахияёфта самаранок буда, метавонад дар кори амалии дигар муассисахои тахсилоти олии педагогии чумхурӣ бомувафаккият истифода гардад.

Дар тахкикоти диссертатсионӣ проблемахо ва вазифахое халлу фасл мегарданд, ки ба меъёрхои вохидхои дохила мутобиканд ва онхо бо натичахои тахкикоти баргузоргардида исбот карда мешаванд: чихати хулоса ва тавсияхои амалӣ, шароитхои педагогии оптималии коркардгардида, ки барои рушд ва ташаккули салохиятмандии байнифархангии мутахассисони ояндаи муассисахои тахсилоти олии омузгорӣ истифода мегарданд.

Шурой диссертатсионӣ ба хулосае омад, ки тахкикоти мазкур кори илмӣ-тахассусиро дар бар гирифта, ба талаботи бандхои 31 ва 33-35-и “Тартиби додани дарачахои илмӣ”-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Думхурии Точикистон, ки бо карори Х,укумати Чумхурии Точикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдик шудааст, комилан мувофикат мекунад.

Хангоми гузаронидани овоздихии пинхонӣ дар Шурой диссертатсионӣ аз шумораи умумии 11 нафар аъзои Шурой диссертатсионӣ, 9 нафар иштирок дошт, ки аз ин 3 нафар аз руйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи тахсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанхои гуманитарӣ) мебошанд, дар чаласа иштирок доштанд.

Натачаи овоздихӣ: «тарафдор» 9 нафар. «зид» _____ нест, «баргахои беэътибор» - нест.

Муовини раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — **Юлдошев У.Р.**

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — **Обидова М.И.**

18 феврали соли 2023